**Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо доир ба мубориза бар зидди шиканҷа тибқи тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа ва Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф Хуан Мендез дар нимсолаи якуми соли 2016**

Оид ба иҷрои зербанди 1 банди 2 Нақша Суди Олӣ чунин иттилоъ дод, ки бо мақсади дар мамлакат таъсис додани муассисаҳои экспертӣ (ба истиснои экспертизаи судии тиббӣ), муҷаҳҳаз намудани он бо дастгоҳҳои замонавӣ ва ҳамчунин ҷиҳати роҳ надодан ба хатогиҳо дар рафти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, амалияи судӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон хулосаҳои мақомоти дахлдор ҷамъоварӣ шуда, ба гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод гардид. Чорабинии мазкур дастгирӣ ёфта, дар банди 9 Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 ҷой дода шуда, иҷрои он дар соли 2016 пешбинӣ гардидааст.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати иҷрои зербанди мазкур санади дахлдор вобаста ба таъсис додани гурӯҳи корӣ аз соли 2013 ҷиҳати баррасӣ ва бознигарии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ташхиси тиббию судӣ, омӯзиши таҷриба, баррасии имкониятҳо ва заминаҳои ташкил ва фаъолияти муассисаи мустақили ташхиси тиббию судӣ, инчунин таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташхиси мустақили тиббию судӣ» тибқи Протоколи Истанбул қабул намудааст. Дар асоси нақшаи чорабиниҳои гурӯҳи кории назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар муддати 6 моҳи соли 2016 чорабиниҳои зерин ба анҷом расонида шуданд:

- Барномаи таълимии фанни тиббӣ-судӣ ва психатрияи судӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳлил ва бо дарназардошти талаботи Протоколи Истанбул аз нав коркард ва тасдиқ карда шуд;
- барномаи омӯзишӣ (модул) барои судяҳо тартиб дода шудааст;
- аз 6 то 8 апрели соли 2016 бо иштироки 10 судя бо собиқаи кори зиёда аз 15 сол ва аз 16 то 18 майи соли 2016 бо иштироки 21 судя бо собиқаи кори зиёда аз 5 сол тибқи барномаи нави тартибдодашуда давраҳои омӯзишӣ дар мавзӯи «Шиканҷа ва тартиби байналмилалии ҳуҷҷатгузории он (Протокли Истанбул)» гузаронида шуданд;
- дар натиҷаи корбарӣ бо раёсати тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия санадҳои меъёриии ҳуқуқии раёсати тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз нав коркард гардида, 14 марти соли

2016 мизи мудаввар доир ба муаррифии санадҳои нави коркардшуда, ки ба онҳо тавсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Протоколи Истанбул ворид гардидаанд, бо иштироки намояндагони мақомоти судӣ, Прокуратураи генералӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида шуд;

- намояндагони гурӯҳи кории назди Вазорати тандурстӣ ва ҳифзи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баррасӣ, вусъатбахшӣ, ҳамкории байнисоҳавӣ, пешниҳодот, баланд бардоштани савияи тахассусӣ ва банақшагирии ҳадафҳои ояндаи худ дар семинари «Экспертизаи судии одилона», ки аз тарафи Шӯрои адлия бо иштироки мақомоти дахлдори ҷумҳуриявӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ 4 марти соли 2016 баргузор гардид, иштирок намуда, дар он дастовардҳои Вазоратро дар самти бунёди институти экспертизаи тиббӣ-судии мустақил муаррифӣ намуданд;

- ҳамчун минтақаи пилотӣ дар заминаи Маркази экспертизаи тиббӣ-судии вилояти Суғд бо дастгирии лоиҳаи «Созмон додани махзани ягона, назорат ва идораи истеҳсолоти ташхиси тиббӣ-судӣ» аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ барномаи компютерии нахусткоркардашуда ва барои фаълияти экспертизаи тиббию судӣ мутобиқгардида барои санҷиш ворид карда шуд, ки мақсади асосии ин барнома аз созмон додани махзани ягона, назорат ва идораи истеҳсолоти ташхиси тиббӣ-судӣ иборат мебошад. Маблағи лоиҳаи мазкур 33000 доллари ИМА-ро ташкил дода, Маркази зикргардида ва 13 шуъбачаҳои он дар ноҳияҳои вилояти Суғд бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардиданд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 4 банди 2 Нақша Суди Олӣ чунин иттилоъ дод, ки он иҷро гардида, дар раёсати арзу шикоятҳо, шуъбаи марҳилаи якум ва раёсати ҳисоботи омории Суди Олӣ варақаҳо ва маҷаллаҳои махсуси оморӣ таҳия дода шуданд, ки ҳар як муроҷиат оид ба истифодаи шиканҷа мавриди таҳқиқ ва санҷиши ҳаматарафаи судяҳо қарор гирифта, нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Роҷеъ ба масоили мазкур қарори Пленуми Суди Олӣ аз 25 июни соли 2012, №1 “Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа” қабул карда шудааст. Тибқи банди 24 он ба судҳо тавзеҳ дода шудааст, ки агар шикоят дар бораи татбиқи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар мурофиаи судӣ пешниҳод гардад, судҳо вазифадоранд, ки чораҳои бо қонун пешбинишударо барои фавран баррасӣ намудани ин ваҷҳ андешида бароянд. Агар барои пурра санҷидани шикоят анҷом додани чораҳое, ки ба салоҳдиди суд дохил намешавад (гузаронидани

таҳқиқ ё тафтиш ва ғайра) зарур бошад, суд бо таъинот (қарор) ба зиммаи прокурор ба амал баровардани санҷиши дахлдорро бо қайди муҳлати ба суд пешниҳод кардани маводи санҷишӣ вогузор мекунад. Маводи санҷиши шикоят ва қарорҳои мурофиавии аз рӯи он қабулшуда дар маҷлиси судӣ эълон гардида, ба парванда ҳамроҳ карда мешавад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба иҷрои зербанди мазкур чунин хабар дод, ки дар нимсолаи аввали соли 2016 6 муроҷиат ворид гардидааст. Аз он 2 муроҷиат дар баррасӣ қарор дошта, 4 муроҷиати боқимонда бинобар зарурати гузаронидани чораҳои тафтишотӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуданд. Таҳлили натиҷаҳои аризаҳои баррасигардида нишон медиҳад, ки дар бештари мавридҳо ҳолатҳои ҷой доштани шиканҷа тасдиқи худро наёфтанд.

Тибқи маълумоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зимни ташриф ба муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба кормандони муассисаҳои мазкур талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии мубориза бар зидди шиканҷа фаҳмонида мешавад.

Иҷрои банди 5 Нақша аз ҷониби Прокуратураи генералӣ таъмин гардида, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд. Тибқи тағйироти ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида вақти дастгиркунӣ аз лаҳзаи воқеии дастгиршавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад ва мафҳуми он дар Кодекс оварда шудааст. Ин тағйирот дар ҷои дастгиркунии воқеӣ фаҳмонидани ҳуқуқҳои дастгиршудагон, дастрасии бетаъхир ба ҳимоятгар, бетаъхир аз дастгиркунӣ хабардор намудани хешовандон, гузаронидани муоинаи тиббии онҳо, инчунин возеҳ намудани тартиби баҳодиҳӣ ба далелҳо, бахусус далелҳои бо роҳи зӯроварӣ ва шиканҷа бадастовардашуда равона гардида, ҳамзамон дар изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ нигоҳ доштани шахсоне, ки нисбаташон чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ карда шудааст, муҳлати ниҳоиро пешбинӣ менамоянд. Масъалаи мазкур дар маркази диққат қарор дошта, чорабиниҳои пайвастаи омӯзишӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар ин самт гузаронида мешаванд.

Вобаста ба иҷрои банди 6 Нақша Вазорати корҳои дохилӣ иттилоъ дод, ки татбиқ накардани институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бинобар пушаймон шудан аз кирдори содирнамуда чораи барзиёд мебошад. Ин иқдом ба принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ номувофиқ

мебошад, зеро имконияти озод кардани айбдоршаванда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо категорияи ҷинояти содирнамуда алоқаманд аст. Манъи татбиқи он нисбати ҷиноятҳои алоҳида бар хилофи принсипи инсондӯстӣ мебошад.

Банди 10 қисман иҷро гардида, ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар якҷоягӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мунтазам аз муассисаҳои ислоҳӣ боздид намуда, мониторинги онҳоро ба роҳ мемонанд.

Вазорати молия оид ба иҷрои банди 11 Нақша чунин иттилоъ дод, ки беҳтар намудаи таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аҳамияти хосаро тақозо намуда, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва маҳкумшудагон маблағгузории он мутаносибан аз ҳисоби буҷети давлатӣ сол аз сол зиёд гардида истодааст. Дар зарфи панҷ соли охир ҳаҷми маблағгузорӣ барои нигоҳдории муассисаҳои мазкур қариб 2 маротиба зиёд шудааст.